*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-020*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Ҳасанова Тахмина Ғаюровна ба диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Воситаҳои ахбори оммаи корпоративӣ барои Тоҷикистон падидаи нав нестанд. Мо дар ин самт набояд таъриху таҷрибаи гузаштаи шуравиро фаромӯш кунем. Матбуот дар он давра тарғиботчии коллективӣ буд. Кормандони корхонаҳо на танҳо нашрияи расмии «Тоҷикистони Советӣ», балки ҳафтаномаи корхонаи худро низ мутолиа мекарданд. Ҳафтаномаи корпоративӣ ба коргари оддӣ хеле наздик ҳисоб мешуд. Дар саҳифаҳои он хонанда метавонист дилхоҳ маълумоти зарурири пайдо кунад. Нашрияҳое монанди «Абрешимчии пешқадам», «Бофанда», «Алюминийи Тоҷикистон», «Роғун», «Норак», «Металлист», «Нурафзо» ва ғайра дар Тоҷикистон сернуфузтарин ва куҳансолтарин матбуоти корпоративӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин нашрияҳо оид ба ягон хел реклама ва ё робита бо ҷомеа ҳарфе набуд, зеро шароити давр инро тақозо мекард.

Дар шароити муосир журналистика босуръат рушд мекунад ва махсус алоқамандии он бо тиҷорат дида мешавад. Имрӯз ВАО-и корпоративӣ мавқеи боризро касб мекунанд ва месазад, ки ба онҳо ҷиддан таҷдиди назар карда шавад.

Кори диссертатсионии Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Васоити ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсия ва мавзуи он барои илми журналистикаи тоҷик актуалӣ ва нав аст. Мо шоҳиди таҳаввулоти як навъи ВАО ҳастем, ки қаблан барои доираи муайян ошно буд. ВАО-и корпоративӣ имрӯз вазифаҳоеро иҷро мекунанд, ки сазовори таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба онҳо мебошад. Журналистикаи касбии корпоративӣ қалби мухобироти корпоративӣ аст. ВАО-и корпоративӣ ҳам алоқаи беруна ва ҳам дохилиро инъикос мекунад.

Дар давраи муосир журналистикаи корпоративӣ босуръат рушд мекунад ва махсусан, дар шаклгирии соҳаи тиҷорат самаранок истифода мегардад. Гап сари он меравад, ки барномаҳои иҷтимоии корпоративӣ на танҳо амалӣ мешаванд, балки омили баланд бардоштани субот ва сатҳи зиндагии мардум низ мебошанд.

Муколамаи «тиҷорат-ҷомеа-давлат» ин соҳаро ҳамчун масъулияти иҷтимоӣ ташаккул медиҳад. Нашрияи корпоративӣ воқеан як воситаи идоракунӣ барои ширкат мебошад.

Бояд гуфт, ки вазифаи асосии журналистикаи корпоративӣ муттаҳид кардани манфиатҳои маркетингии ширкат бо эҳтиёҷоти иттилоотии аудиторияи мақсадноки он мебошад. Ширкатҳои пешқадами ҷаҳон кайҳо боз иқтидори баланд ва самаранокии нашрияҳои корпоративиро қадр карда, онҳоро на танҳо ҳамчун фишанги ғоявии менеҷмент, балки воситаи баланд бардоштани садоқати кормандон ва муштариён фаъолона истифода мебаранд.

Аз назари довталаби дараҷаи илмӣ, таҳаввули як навъи ВАО ба амал омада истодааст, ки қаблан барои доираи муайян дар қолаб ва симои дигар ошно буд. ВАО-и корпоративӣ имрӯз вазифаҳоеро касб ва татбиқ мекунанд, ки сазовори таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебошанд.

Вижагии дигари воситаҳои мухобиротии иттилоотии корпоративӣ дар он ифода меёбад, ки ҳамоно дар меҳвари онҳо ба ҳайси қаҳрамони воқеӣ заҳматкашону кормандони заводу фабрика, ширкатҳои саҳомӣ ва корпоратсияҳо қарор доранд. Таваҷҷуҳ ба синфи коргар ва инъикоси ҳаёти онҳо дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, телевизион ва радио мероси шуравӣ буда, воситаи қаҳрамонсозӣ ва идеалию олӣ будани меҳнатро дар ин самт талқин менамуд. Дар шароити муосир зарурат ба миён омадааст, ки портрети қаҳрамон бо истифода аз рангорангии нави жанрӣ, ғояи пешқадам, муносибат ба объект ва тарзи нави пешниҳоди мавод сурат гирад. ВАО-и корпоративӣ бошад, ин ҷараёнро ҷолиб ва диданӣ менамояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мушкилоти расонаҳои корпоративӣ дар Тоҷикистон ва таҳияи вижагиҳои он барои аудиторияи мақсаднок таваҷҷуҳи зиёди назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бори аввал ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар шакли таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун яке аз навъҳои журналистика мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор мегиранд.

Масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва ҳолати имрӯзаи ВАО-и корпоративӣ дар низоми ВАО-и Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Инчунин, аз ҷониби довталаб ВАО-и корпоративӣ ҳамчун низоми фаъолият таҳқиқ шуда, вазифаҳои он дар ин замина дақиқ гардидаанд. Ҳамидиён И.И. асосҳо ва омилҳои типологии нашри ВАО-и корпоративӣ дар кишвар таҳқиқ ва асоснок намуда, таҷрибаи нашри ВАО-и корпоративиро хуб омӯхтааст ва аз нигоҳи интиқодӣ асоснок менамояд.

Жанрҳои истифодашуда ва мавзуи маводи чопшуда таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои мушаххаси реклама ва матни PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон муайян ва коркард шудаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷолиби диққат ҳастанд. Илова бар ин, диссертатсия ҳалли масъалаҳои зерини ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: таҳқиқ намудани мавқеи ВАО-и корпоративӣ дар низоми муосири васоити ахбори оммаи Тоҷикистон; муайян намудани нақши махсуси

ВАО-и корпоративӣ дар ташаккули муколама ва муносибатҳои эътимодбахш, ки ба марҳилаи кунунии рушди ҷомеа мувофиқат мекунанд ва ба самаранокии муошироти дохилӣ таъсири хос доранд; омӯзиши усулҳо ва воситаҳои бунёди имиҷи ширкат тавассути таъсиси ВАО-и корпоративӣ ва ғайра.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия дар 23 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 11 таклиф манзур гардидааст. Метавон иброз намуд, ки муаллифи диссертатсия бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравaнд, ба дараҷаи илмии дархостшаванда муносиб мебошад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд барои рушди журналистикаи корпоративӣ дар Тоҷикистон такони иловагӣ бахшанд. Тавсияҳои диссертатсия дар асоси инкишофи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ бунёд гардида, ба баланд бардоштани самаранокии кори ВАО-и корпоративӣ мусоидат мекунанд. Маълумоти ҷамъоваришуда, ҷамъбастгардида ва ба низом даровардашуда хусусияти равандҳои ташаккул ва рушди ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистонро дар асоси назарияи маъмул ошкор ва мушаххас менамояд. Диссертатсия метавонад ҳамчун сарчашма барои навиштани мақолаҳои илмӣ дар ин мавзуъ истифода гардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба баланд бардоштани донишҳои соҳавӣ дар бораи ВАО-и корпоративӣ ва татбиқи мақсад ва вазифаҳои онҳо мусоидат карда, маводи диссертатасияро зимни қироати курсҳои лексионӣ оид ба низоми ВАО, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба ВАО-и корпоративӣ дар факултаҳо ва кафедраҳои журналистикаи мактабҳои олии Тоҷикистон ва тартиб додани воситахои таълимӣ метавон истифода бурд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 381 саҳифа ҷой шуда, рӯйхати адабиёт 700 номгӯйро фаро мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назарию методологӣ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – «Пайдоиш ва таҳаввули ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст. Фасли якуми боби якум «Заминаҳои пайдоиш ва мавқеи матбуоти соҳавӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ» ном дорад. Дар фасли дуюми боби якум «Омилҳои типологии ташаккули матбуоти корпоративӣ» таҳқиқ мегардад. Дар фасли сеюми боби якум «Марҳилаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ ва шаклгирии равандҳои демократӣ дар онҳо» баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҷрибаи интишори ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, фасли аввали он ба таҳқиқи «ВАО-и корпоративӣ ҳамчун низоми фаъолият» бахшида мешавад. Фасли дуюми боби дуюм ба баррасии мавзуи «Реклама ва матнҳои PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон» марбут мебошад. Дар фасли сеюми боби дуюм «Ташаккули фарҳанг ва этикаи ВАО-и корпоративӣ» таҳқиқ мегардад.

Боби сеюми диссертатсия «Мавзуъ ва жанрҳои ВАО-и корпоративӣ» унвон гирифта, дар фасли якуми он – «Навъҳои жанрҳои ВАО-и корпоративӣ» таҳқиқ мегардад. Дар фасли дуюми боби сеюм «Нақши ВАО-и корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат» таҳлил шуда, фасли сеюми боби сеюм ба таҳқиқи масъалаи «Сомонаҳои корпоративӣ – воситаи муассири менеҷмент ва маркетинг» иртибот дорад.

Боби чаҳоруми диссертатсия «Мавқеъ ва дурнамои воситаҳои корпоративии муосир дар фазои иттилоотии Тоҷикистон» ном дошта, дар

зербоби якуми он масъалаи «Вазифаҳои асосии радио ва телевизиони корпоративӣ» таҳқиқ шудааст. Дар фасли дуюми боби чаҳорум «Маҷаллаҳои бортӣ ҳамчун навъи ВАО-и корпоративӣ» таҳқиқ гардиданд. Фасли сеюми боби ҷаҳорум ба баррасии мавзуи «Нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ» бахшида шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаҳою тавсияҳои Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд.

Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки довталаб Ҳамидиён И. И. тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 4 монография, 36 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд.

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Ҳамидиён И. И. тӯли солҳои гуногун дар ВАО-и корпоративӣ фаъолият намуда, дар мавзуи мавқеи матбуоти корпоративӣ дар журналистикаи муосири тоҷик диссертатсияи номзадӣ ҳимоя кардааст. Баррасӣ ва собитсозии асосҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия беш аз 15 сол идома ёфта, масъала ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд, ки ислоҳашон ба манфиат дониста мешавад:

1. Баҳси жанрҳо ҳамоно актуалӣ боқӣ мемонад. Зимни баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ бояд ба ин масъала ҷиддитар муносибат карда мешуд. Дар ин маврид баҳои довталаби дараҷаи илмиро зимни ҳимояи ошкорои диссертатсия донистан ба манфиати кор аст.
2. Банди панҷуми “Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда” ба тавзеҳ ниёз дорад. Ба андешаи муаллиф, махсусияти функсионалии ВАО-и корпоративӣ бо пешниҳоди маводи баландсифат муайян карда мешавад.
3. Хулосаи дуюми муаллиф дар боби дуюм баҳснок аст. Ба назари ӯ, аз таҳлили маводи ВАО-и корпоративии кишвар бармеояд, ки танҳо дар ду сол як маротиба маводи табрикотӣ чоп мешавад ва ба он муносибат аз рӯйи шиори «ҳама шодбош гуфт, мо ҳам мегӯем» сурат мегирад. Дар шароити муосир ин ҳамгирой то куҷо талаботи замон мебошад?

4. Дар саҳифаи 60 муаллифи диссертатсия оид ба мушаххассозии таносуби мавзуъҳо дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ишора менамояд. Ба таъкиди ӯ, таҳқиқ муайян намуд, ки расонаҳои корпоративии Тоҷикистон асосан ба мавзуъҳои тиҷорат, савдо, хизматрасонӣ, молия, сохмтон, хӯрокворӣ, саноат ва ғайра таваҷҷуҳ доранд. Муассисони ин навъи ВАО низ дар самтҳои номбурда фаъолияти муассир менамоянд. Мушаххас гардидани сарчашмаи ин таҳқиқ зарурат дорад.
5. Дар фасли якуми боби чаҳорум оид ба вазифаҳои асосии радио ва телевизиони корпоративӣ сухан меравад. Хуб мешуд, ки довталаби дараҷаи илмӣ мушаххас оид ба шаклҳои гуногуни ҷамъоварии иттилоъ дар телевизион мисолҳоро роҳандозӣ менамуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам ва бо услуби илмӣ таҳия гардидааст.

Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод аст. Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд. Диссертатсияи Ҳамидиён И. И. бо доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ аст.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе** **Ҳасанова Т.Ғ.**

*«Имзои д.и.филол., дотсент Ҳасанова Т.Ғ.-ро тасдиқ мекунам»*
**Сардори Шуъбаи кадрӣ ва корҳои махсуси Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе** **Пирназар С.М.**

«11» феврали соли 2025

*Сурога:* 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Шоҳтемур, 42
*Тамос:* (+992) 37 2219941,
(+992) 935101116
*Сомона:* https://msu.tj/

*Сурогаи хона:* 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Бухоро, бин. 34, блок Г, х.7
*Тамос:* (+992) 935101116
*E-mail:* azamat99996@mail.ru